«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
Шарифзода Ф.Х. ____________
«__19__» ______________ 2023.

# ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АМИТ

Диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Манонзода Абубакр Манон зинаи унвонҷӯии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро гузаштааст.

Диссертатсия зери роҳбарии номзади илми филология Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович ба анҷом расидааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 24.04.2020, қарори №5 (протоколи №4) тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 18.04.2023, суратҷаласаи №4 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки муқарризони холис – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо Ҷӯрақулович ва номзади илми филология, муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Латифов Алихон Давлатович баррасӣ ва муҳокима гардид.

Ҷаласаи муҳокимаи диссертатсияи номзадиро раиси Шурои олимони Институт, доктори илмҳои филология, профессор Шарифзода Ф.Х. ифтитоҳ намуд. Барои баёни муҳтаво ва муҳимтарин нуктаҳои

диссертатсия сухан ба унвонҷӯ Манонзода Абубакр дода шуд. Аз суханронии диссертатант чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Рамаяна қадимтарин достони ҳамосии манзуми ҷаҳон аст, ки дар асри IV то мелод аз тарафи Валмикӣ суруда шудааст. Он нахуст ба забони парокрит навишта шуда, баъд аз ду-се аср аз тарафи касони гуногун ба забони санкрит баргардон ва ба шакли имрӯзӣ даромадааст. Аз он ки аз замони таълифи ин достон вақти зиёде гузоштааст, мисли ҳамаи китобҳои достонӣ ва ҳамосӣ пас аз таълифи он дар матни он афзудаҳо ва дигаргуниҳои зиёде дар давраҳои гуногун ворид шудааст. Имрӯз ду матни ин достон дастрас мебошад, якеро матни шимолӣ ва дигарро банголӣ донистаанд. «Рамаяна» дар баробари дигар осори адабӣ ва мазҳабии Ҳинди бостон дар назди ҳокимони Бобурии ин сарзамин аз достонхои мавриди таваҷҷуҳ ва маҳбуб шуморида мешавад. Дар замони боло рафтани неҳзати тарҷума дар Ҳинди давраи Акбар (1556-1605) нахустин тарҷумаи ин ишқнома ба форсии тоҷикӣ маҳз бо дастури ҳамин подшоҳи мунҷии сулҳи кулли байнулақвом дар ин сарзамини бисёрмиллату забон бо адабиёти қадиму пурмуҳтаво сурат гирифтааст. Абдулқодири Бадоунӣ (948-1004ҳ.қ./1541-1593м)- таърихнигор ва мутарҷими тавонои дарбори Акбар дар соли 992ҳ.қ./1581 бо фармони ӯ даст ба тарҷумаи манзуми «Рамаяна» зад ва онро ба соли 997ҳ.қ./1586 ба итмом расонид. Аз ишораи Бадоунӣ дар «Мунтахабу –т-таворих»- пайдост, ки онро аз достони санскрит бар асоси ривояти манзуми Валмикӣ тарҷума кардааст.

Тарҷумаи хеле равону хонданӣ ва аз нигоҳи адабӣ муҳимми ин достон аз тарафи шоиру мутарҷими форсу тоҷик Шайх Саъдуллоҳ Масеҳои Понипатӣ сурат гирифтааст, ки ба мутарҷими он шуҳрати зиёд овардааст. Масеҳо дар байни аҳли адаби асри XVII ва давраҳои баъдинаи Ҳиндустон ҳамчун шоири маснависаро шинохта шудааст. Масеҳои Понипатӣ "Рамаяна"- ро, ки ишқи пурсӯзу гудози дилбохтагон Ром ва Ситоро инъикос менамояд, бо унвони "Ром ва Сито" ба назм даровардааст.Маснавии "Ром ва Сито"-и Масеҳо аз тарҷумаҳои беҳтарини "Рамаяна" ба забони форсии тоҷикӣ мебошад. Шоир зимни тасвири саргузашти ошиқонаи ду дилдода бузургии қувваи ишқи пок, вафодориву дӯстӣ, ягонагиву иттифоқ, адлу инсоф ва дигар рафтору кирдорҳои шоистаи инсонро баёну таъкид карда, беоқибатии зулму золимӣ ва найрангу хиёнатро нишон медиҳад.

Тақризи муқарризи холиси аввал доктори илми филология, профессор Элбоев Вафоро котиби илмии Шурои олимон Муҳаммадхоҷаева Рахшанда қироат намуд. Дар он таъкид шудааст, ки омӯзиш ва пажӯҳиши осори тарҷумашудаи адабии халқҳои гуногуни олам ба забони форсии тоҷикӣ дар адабиётшиносии тоҷик пешинаи назаррасе дорад. Пажӯҳишҳо дар ин

самт дар даврони истиқлоли давлатӣ густариши бештар пайдо карда, дар замина корҳои таҳқиқии ҷолиб ва монданӣ нигошта шуданд.

Дар даврони ҳукуматҳои исломӣ аз забонҳои гуногуни ин сарзамини паҳновару бисёрқавм ва серзабон ба забони форсии тоҷикӣ осори гарону арзишманде баргардон шудааст, ки дар миёни осори тарҷумашуда ба форсии тоҷикӣ асари ҳамосӣ – ишқии бостонии Ҳинд “Рамаяна”, ки бар асоси достони ишқи Ром ва Сито таълиф шудааст, шуҳрат ва эътибори хосса дорад. Ин қисса ба далели он ки воқеаҳои дар он тасвирёфта бо асотир, бо сохту бофти динию мазҳабии ҳиндуҳо ин ҳама шуҳрат ва нуфузу эътиборро дар ҷомеаи Ҳинд пайдо кардааст. Дар достони мазкур дин бо фалсафа, урфу одат, суннатҳо, устура, ҳамоса ва ишқу адабиёт омехта гардида, онро муҳташам сохтааст. Аз он ҷо ки мавзуи аслӣ ва асоси ин таҳқиқот баррасӣ ва таҳлилу пажуҳиши маснавии “Ром ва Сито”-и Шайх Саъдуллоҳ Масеҳои Понипатӣ мебошад, аз ним зиёди рисола ба чигунагӣ ва вижагиҳои адабӣ, бадеӣ ва вазниву забонӣ ва ҳунарии ин достон ихтисос ёфтааст. Дар баробари дастовардҳо дар рисола чанд эрод ҳам ҷой дорад, ки ислоҳу бартараф кардани онҳо ба назари ин ҷониб бар суди рисола хоҳад буд:

1. Фаслҳои якуму дувуми боби аввали рисола аввалан хурд, баъдан мукаммили ҳам мебошанд. Як ҷо кардани онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

2. Дигар он ки номи ҳамосаи ҳиндӣ дар матни рисола ба тарзҳои гуногун: “Рамаяна”, “Ромоян”, “Рамоян” омадааст, ки яксон кардани онҳо зарур аст.

3. Дар матни рисола ва китобнома хатоҳои зиёди имлоӣ, техникӣ, мантиқӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳ онҳо ҳатмӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда ислоҳшавандаанд, ва бартараф кардани онҳо ҷиҳати илмии рисоларо афзун менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби унвонҷӯ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат менамояд.

Диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Манонзода Абубакр Манон дар маврзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он » ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

Сипас муқарризи дувуми холис номзади илми филология Латифов Алихон Давлатович суханронӣ намуда, иброз дошт, ки яке аз роҳҳои равобити адабии халқҳои олам тарҷумаи осори адабии як забон ба забони дигар мебошад, ки дар ин маврид дар адабиётшиносии ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқу пажуҳиши зиёде анҷом дода шудааст. Дар осори тарҷумашуда аз як забон ба забони дигар бисёр маънавиёту ақидаҳо ва фарҳангу ҳунари мардуми соҳиби асари асл таҷассум мeёбад ва ба ин васила пайванду ҳамбастагии халқҳо амиқтар ва ваҳдату ягонагии онҳо бештар мегардад, ки намунаи боризу арзишманди он равобит адабии форсии тоҷикӣ бо адабиёти қадима ва бисёрзабонаву мухталифмавзуи Ҳиндустон мебошад. Ин равобити адабӣ дар таърихи адабиёти тоҷик таҳқиқу баррасӣ шудааст, вале дар мавриди тарҷумаҳои адабиёти бостонии Ҳиндустон дар асрҳои миёна кам таҳқиқот сурат гирифтааст, ки ба миён омадани пажуҳиши илмӣ дар қолаби диссертатсияи номзадӣ аз тарафи унвонҷӯ Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 –Адабиётшиносӣ (10.01.01 –Адабиёти тоҷик) комилан мантиқӣ ва сазовори тақдиру таҳсин мебошад.

Рисола ба мавзуи дар замони мо хеле актуалӣ бахшида шудааст, зеро дар ҷаҳони муосир пайдо кардани роҳҳои иртиботи халқҳо ва давлатҳо маҳз аз равобити адабию фарҳангӣ ва ҳунарӣ оғоз гардида, ин тарзи иртибот осон ва муассир мебошад. Таҳқиқоти мазкур метавонад дар таҳкими дӯстии мардумони Ҳиндустон ва кишвари мо таъсири мусбату муҳим дошта бошад.

Дастовардҳои муаллиф дар бобҳои дуюм ва сеюми рисола бештар буда, натиҷаҳои таҳқиқоти он барои донишҷӯёни бахши филологияи ҳиндии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо муҳим ва судманд буда, муҳаққиқони ҳиндшинос ҳам аз он баҳра бурда метавонанд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе иштибоҳҳои лафзию мантиқӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо сатҳи илмии рисоларо баланд мебардоранд.

1. Дар матни диссертатсия бисёр калимаҳои арабӣ истифода шудаанд, ки баробарҳои тоҷикии серистеъмол доранд: равобит, маскун, ҳаҷҷорӣ, муфтахар, масоил, қабоил ва ғ.

2. Номҳои ҳиндии истифодашуда дар асар бояд дар қавсайн асли шакли ҳиндии онҳо бо овонигорӣ навишта шаванд, ки барои талаффузи тоҷикӣ осон гарданд: Аҷудҳия ё Аюдҳия; Бҳорат, Лакшман; Шатаругаҳна; Дашаратҳа; Вашуаматра....

3. Адабиёти истифодашуда бояд мутобиқи меъёр бо тартиби қабулшуда оварда шавад, ки ин тавр нест.

4. Хатоҳои имлоӣ ва фаннӣ (техникӣ) дар матни рисола хеле зиёданд, ки ислоҳи онҳо ҳам зарур аст.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои зикршуда ҳусни диссертатсияро коҳиш надода, ислоҳпазир мебошанд. Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шудааст ва тадқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Фишурдаи диссертатсия, мақолаҳои ба чоп расонидаи диссертант ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои диссертатсияро ифода мекунанд ва аз лаёқати баланди илмии соҳиби он гувоҳӣ медиҳанд. Диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 –Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи унвонҷӯ Манонзода Абубакр Манон дар маврзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он»
Бо забони фасеҳи илмӣ ва баёни мантиқии равшану олимона таълиф шуда, маллифи он лаёқати иҷрои кори илмиро доро мебошад.

Дар қисмати саволу ҷавоб номзади илмҳои филологӣ Мирбобоев А. ва доктори илми филология Юсуфов У.А. иштирок намуда, ба саволҳои худ ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд.

Ҳамин тариқ, вобаста ба гузориши муқарризон-доктори илми филология, профессор Элбоев В.Ҷ. ва номзади илми филология Латифов А.Д. натиҷаи саволу ҷавоб ва баррасии диссертатсия Шурои олимони Институт нисбат ба сатҳу сифати илмии диссертатсияи Манонзода А.М. ба чунин **хулоса** омад:

Диссертатсия ба мавзуи мубрам ва таҳқиқношудаи илми адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, унвонҷӯ таъкид намуд, ки таҳқиқи осори бадеии тарҷумашуда аз забонҳои санскрит ва ҳиндӣ дар асрҳои миёна ба забони форсии тоҷикӣ ба хусус тарҷумаҳои қадимтарин ҳамосаи ишқии “Рамаяна” ба ин забон ва вижагиҳои адабию бадеии он мақсади асосии

таҳқиқот мебошад. Бо ин мақсад ҳалли масъалаҳои зер асосӣ дониста ва чун **вазифаҳои асосии таҳқиқот** шуморида мешаванд:
- таҳқиқу баррасии осори тарҷумашуда аз забонҳои санскрит ва ҳиндӣ ба форсӣ дар замони ҳукумати силсилаҳои эронӣ дар шибҳи қорраи Ҳинду Покистон, ба хусус осори илмӣ ва бадеӣ;
- баррасии тарҷумаҳои форсӣ дар заминаи риштаҳои гуногун ва арзишу аҳаммияти онҳо дар густариши равобити адабӣ ва саҳму нақши онҳо дар ғанои адабиёти форсии тоҷикӣ;
- муаррифӣ ва ошноӣ бо "Рамаяна" – бузургтарин ва қадимтарин асари ҳамосӣ ва ишқии Ҳинди бостон;
- таҳқиқу баррасии вазн, қофия ва радиф дар маснавии "Ром ва Сито";
- ҳунари шоирии Масеҳо дар ин маснавӣ ҳангоми коргирӣ аз қофия ва анвои он, радифҳои сода ва таркибӣ;
- истифода аз санъатҳои маънавӣ ва вижагиҳои он дар баёни ҳунари шоирии Масеҳои Понипатӣ дар достон;

**Объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ.** Осори таълифии муҳаққиқону муаррихони равобити адабию ҳунарии Эрону Ҳинд, адабиёти форсизабони шибҳи қорра, тазкираҳо, таърихҳо, асарҳои бадеии асрҳои миёна ва ду нашри маснавии "Ром ва Сито" (Лакҳнав, 1899; Деҳлии нав, 2009) ва тарҷумаҳои дигари форсии ин асар ба шумор меравад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Ҳангоми таҳқиқу баррасии мавзуъ аз асосҳои назарии илми адабиётшиносӣ, хоса таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, матншиносӣ, сабкшиносӣ, сарчашмашиносӣ истифода шуда, ба таҳқиқот ва дастурҳои назарии донишмандону муҳаққиқони таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳиндӣ ва назарияи он Пригарина Н.И., Рабинович И. С., Рейснер М. Л., Ян Рипка, Серебряков И. Д., Айнӣ С., Мирзоев А., Алимардонов А., Ғаффоров А., Ҳодизода Р., Сатторзода А., Суфизода Ш., Муҳаммадиев Ш., Ғаффорова З., Обидӣ Саййид Муҳаммадҳасан, Алиасғари Ҳикмат ва дигарон такя кардаем.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Таҳқиқоти дисертатсионӣ бар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилҳои назарӣ ва амалӣ, оморӣ, муқоисавӣ – таҳлилӣ, муқоисавӣ – татбиқӣ ва дар мавридҳои алоҳида аз методҳои шарҳу тавзеҳи матн, матншиносӣ, назарияи таърихи матнҳои адабӣ истифода шудааст.

**Навгониҳои илми таҳқиқ.** Дар дисертатсия бори аввал равобити адабию ҳунарӣ ва умумиятҳои фикрӣ ва маънавии халқҳои эронӣ ва ҳиндӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, робитаҳои адабӣ дар ин самт тариқи тарҷумаи осори ҳиндӣ ва санскрит ба форсии тоҷикӣ, таҳлилу

баррасӣ ва ҷойгоҳи тарҷумаҳои форсии “Рамаяна” дар ин замина муайяну мушаххас намуда, ҳунари шоирии Масеҳои Понипатиро бар асоси маснавии “Ром ва Сито” ошкор ва вижагиҳои бадеӣ, шеърӣ ва забону баёни онро таҳқиқу тадқиқ кардем.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар шакли зер мебошанд:

1. Наҳзати баргардони осори ҳиндӣ ба санскрит ба замони Бобуриёни Ҳинд (1526 – 1817) рост меояд, ки таҳлилу баррасии онҳо дар ташаккули равобити адабии замони ёдшуда аз вазифаҳои ин таҳқиқ ба шумор меравад.
2. Муаррифӣ ва ошноӣ бо ҳамосаи қадими Ҳинди бостон – “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии он аз масоили аслии таҳқиқи ҳозир буда, нақши он дар таҳкими пайвандҳои адабӣ назаррас ва муҳим арзёбӣ мешавад.
3. Тарҷумаҳои форсии “Рамаяна” ба назму наср дар анвои шеърии гуногун ва ҳаҷму миқдори ҳархела омада расидааст. Тарҷумаи охарини он аз забони русӣ ба тоҷикӣ аз тарфи шоир Бобо Ҳоҷӣ сурат гирифтааст, ки ду чопи он (Адиб, 1987) ва (Эр – граф, 2021) мавҷуд аст.
4. Дар миёни тарҷумаҳои форсии ин асар маснавии “Ром ва Сито” – и Мулло Саъдуллоҳи Понипатӣ (5308 байт) аз лиҳози бадеият ва забону баёни матлаб хеле ҷолиб ва сутуданист.
5. Шоир дар сурудани ин маснавӣ дар вазну истифодаи навъҳои қофия маҳорати баланд нишон дода, радифҳои хосу аҷибро ба кор гирифтааст, ки гӯёи ҳунари шоирии Масеҳо ба ҳисоб меравад.
6. Истифода аз санъатҳои асосии лафзӣ ва маънавӣ хондани маснавиро барои хонанда гуворо ва лаззатбахш гардонида, бадеияти асарро тақвият намудаанд.
7. Забону баёни шоир дар манзума равон, сода, фасеҳ ва ба забони гуфтугӯӣ наздик ва барои ҳар наслу ҳар нуқтаи қаламрави забони форсӣ фаҳмо, равшан ва рангин мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Автореферат ва 5 мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, ки ҳама дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия интишор гардидаанд:

[1-М]. Манонзода А.М. Равобити адабӣ ва фарҳангии мардумони эронӣ ва ҳиндӣ дар даврони бостон [Матн] // Суханшиносӣ Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ.- Душанбе: МН «Дониш», 2021. -№4 – С 132-142.

[2-М]. Манонзода А.М. Муколамаи адабӣ ва фарҳангии Эрону Ҳинд дар давраи Сосониён [Матн] // Суханшиносӣ Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ.- Душанбе: МН «Дониш», 2022. -№2 – С 120 - 126.

[3-М]. Манонзода А.М. Равобити адабии Ҳинду Эрон дар замони Сосониён (224-651) [Матн] // Суханшиносӣ Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ.- Душанбе: МН «Дониш», 2022. -№3 – С 89 - 94.

[4-М]. Манонзода А.М. Санъатҳои лафзӣ дар Достони «Ром ва Сито» [Матн] // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих).- Душанбе: 2022. -№4 (48) – С 157-163.

[5-М]. Манонзода А.М. Мавқеи Санъатҳои ташбеҳ ва истиора дар Достони «Ром ва Сито» [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе: хиёбони Рӯдакӣ 121, 2023. -№2 – С 121-126.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илми зер ироа гардидааст:

[1-М]. Манонзода А.М. Муколамаи адабӣ ва фарҳангии Эрону Ҳинд дар давраи Сосониён [Матн] // Маҷмуаи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли шароити кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор” бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев. - Хоруғ: ЧДММ «Аршам», 2022. –С. 362 - 366.

[2-М]. Манонзода А.М. Нигоҳе ба пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии мардумони эрониву ҳинд дар аҳди бостон [Матн] // Муштаракоти таърихиву фарҳангӣ ва робитаҳои иқтисодиву фарҳангии халқи тоҷик бо кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик ва дурнамои он (Маводи илмии конференсияи байналмилалӣ). Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо АМИТ. - Душанбе: 2023. –С. 245 - 254.

[3-М]. Манонзода А.М. Вазн ва баъзе истисноҳои арӯзӣ, қофия ва радиф дар достони “Ромоян” (“Ром ва Сито”)-и Масеҳои Панипатӣ [Матн] // Амир Хусрави Деҳлавӣ –шоири хамсасаро (маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ).Донишгоҳи байналмилалии забонҳои

Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. - Душанбе: ҶДММ «Таъбу нашр», 2023. –С. 44 - 57.

[4-М]. Манонзода А.М. Нигоҳе ба пайвандҳои адабӣ ва фарҳангии мардумони эрониву ҳинд дар аҳди бостон//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда" ба дар иртибот ба ифтихори 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 145-солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷику ӯзбек Садриддин Айнӣ, эҳёи нави густариши робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон (27-28.04.2023). Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе: 2023. –С. 201 - 204.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, Шурои олимони Институт бо қарори №5, аз таърихи 12.06.2023 рисолаи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи "Достони "Рамаяна" ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он"-ро кори арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии Шурои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик тавсия намуд.

Иштирок доштанд: 12 нафар аъзои Шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи №5, аз 12 июни соли 2023.

Раиси Шурои олимон,
доктори илмҳои филология
тел: (+992) 918-62-46-54
почтаи эл: shfarangis70@gmail.com Шарифзода Ф.Х.

**Муқарризон:**
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
тел: (+992) 93-531-44-08
почтаи эл: Vafo_1965 @mail.ru Элбоев В.Ҷ.

номзади илми филология, муаллими
калони кафедраи филологияи Ҳинди

факултети забонҳои Осиё
ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 985 19 28 06:
E-mail: alikhon.tj@ gmail.com Латифов А.Д.

**Котиби Шуро**
тел: (+992) 98-521-00-06
почтаи эл: sun1989@list.ru Муҳамадхоҷаева Р.А.

Имзои Шарифзода Ф.Х., Муҳамадхоҷаева
Р.А. ро тасдиқ мекунам:
нозири кадрҳои Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

Имзои В.Ҷ.Элбоеврo тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода Абдукарим

Имзои Латифов А.Д.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.

19. 06. 23

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21. Тел.: +992 (37) 227-29-07,
221-70-30, E-mail: iza_rudaki17@mail.ru, http://www.iza.tj